## ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Аъзамова Тахмина Туйчиевна дар мавзуи «Рушди инноватсионии низоми хизматрасониҳои бонкӣ дар Тоҷикистони муосир», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ, аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст.**

Аъзамова Тахмина Туйчиевна пас аз хатми магистратураи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон соли 2021 ба шуъбаи омодакунии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогии ба донишгоҳи номбурда аз рӯйи ихтисоси 08.00.07- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, ҳамчун унвонҷуи кафедраи молия дохил шуда моҳи январи соли 2024 онро хатм намудааст. Фаъолияти кориашро аз соли 2015 ба ҳайси мутаххасиси маркази тестии Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон шурӯъ намуда аз моҳи сентябри соли 2020 ассисстенти кафедраи молия, аз сентябри соли 2021 то августи соли 2024 ассистенти кафедраи фаъолияти бонкӣ ва аз сентябри соли 2024 ассистенти кафедраи муносибатҳои молиявӣ-қарзии байналхалқӣ фаъолияти омӯзгорӣ дорад.

Аъзамова Тахмина Туйчиевна дар ҷодаи фаъолияти омӯзгорӣ ва пешбурди таҳқиқотҳои илмӣ қобилияти хуби эҷодӣ ва аналитикӣ дошта, ҳамчун шахси нуктасанҷ ҳангоми пеш бурдани корҳои илмӣ ба нозукиҳои рушди инноватсионии низоми хизматрасониҳои бонкӣ дар Тоҷикистон, ба назар гирифтани одитарин нозукиҳои масъала диққати махсус зоҳир намуда хулосаҳои мушаххас мебарорад ва ин масъала қобилияти хуби таҳқиқотчигии ӯро нишон медиҳад.

Илова бар ин, Аъзамова Тахмина Туйчиевна ҳангоми таҳсил дар зинаи магистратура ва баъдтар унвонҷӯ ва дар ҷараёни таълим ба донишҷӯён ҳамчун таҳқиқгари поквиҷдону нуктасанҷ, ҷиддӣ ва дорои малакаи баланди масъулиятшиносӣ худро муаррифӣ намуда, дар ҷараёни иҷрои корҳои илмӣ - таҳқиқотӣ ва таҳияи барномаву васоитҳои таълимӣ масъулияти баланд зоҳир намуда уҳдадориҳои бадушдоштаашро дар сатҳи зарурӣ иҷро менамояд.

Дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ ва анҷоми корҳои ба ин самт вобастабуда Аъзамова Тахмина Туйчиевна дар самти кори илмии худ зиёда аз 15 мақолаҳои илмӣ нашр намудааст, ки аз онҳо 6 мақола мутобиқ ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд. Ҳамчунин ҷиҳати татбиқи амалии натиҷаҳои таҳқиқоти худ дар семинару конференсияҳои донишгоҳиву ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ маърӯза намудааст, ки аз ҷониби мутахассисони соҳа бо натиҷаҳои баланд илмӣ ва навгониҳо арзёбӣ карда шудаанд.

Таҳқиқоти анҷомшуда пурра ба масъалаҳои актуалии рушди инноватсионии низоми хизматрасониҳои бонкӣ дар Тоҷикистон бахшида шуда ҷанбаҳои назариявӣ, методологӣ ва амалии масъаларо дар бар мегирад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки рисолаи илмӣ сохтори мантиқии хуб дошта, мақсад ва вазифаҳо дуруст тарҳрезӣ шудаанд. Забони илмии рисола фаҳмо ва таклифҳои муаллиф илман асоснок гардидаанд.

Рисолаи номзадии Аъзамова Тахмина Туйчиевна дар мавзуи: “Рушди инноватсионии низоми хизматрасониҳои бонкӣ дар Тоҷикистони муосир”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст, кори мустақилона анҷомдода, мантиқӣ ва ба итмомрасидаи илмӣ мебошад ва ба ҳимоя дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон тавсия карда мешавад.

Роҳбари илмӣ:
Д.и.и., професор, сарходими илмии
Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ Шариф Раҳимзода

Имзои Ш.Рахимзодаро тасдиқ мекунам.
Инспектори калон оид ба кадрҳои Институти
иқтисодиёт ва демографияи АМИТ Аюби З.

ИНСТИТУТИ ИҚТИСОДИЁТ ВА ДЕМОГРАФИЯИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ